Бо қарори Мушоварaи
Вазорати маорифи
Ҷумҳурии Тоҷикистон аз
29.05.2012, №9/50 тасдиқ
карда шудааст

# НИЗОМНОМАИ
## таҳсили ғоибонаи донишҷӯёни муассисаи таҳсилоти миёнаи касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон

***Низомномаи мазкур дар асоси Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф», «Низомномаи намунавӣ оид ба муассисаи таълимии таҳсилоти миёнаи касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон» ва дигар санадҳои меъёриву ҳуқуқии соҳаи маориф таҳия шудааст.***

### Муқаррароти умумӣ

1. Намуди таҳсили ғоибонаи донишҷӯён аз рӯи ихтисосҳое, ки аз рӯи онҳо барои гирифтани таҳсилоти миёнаи касбӣ дар шӯъбаи рӯзона иҷозат дода шудааст, амалӣ гардонида мешавад.
2. Таълими донишҷӯёни шӯъбаи ғоибона дар асоси Стандартҳои давлатии таҳсилоти миёнаи касбӣ ба роҳ монда мешавад.
3. Мӯҳлати таҳсил дар шӯъбаи ғоибона нисбат ба мӯҳлати муайяншудаи шӯъбаи таҳсили рӯзона аз 6 моҳ то як сол бо назардошти равия ва ё тахассус дар асоси талаботи Стандартҳои давлатии таҳсилоти миёнаи касбӣ аз тарафи муассисаҳои таълимӣ зиёд карда мешавад.
4. Ба таҳсили ғоибона шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки таҳсилоти миёнаи умумӣ ва ё касбӣ доранд, шаҳрвандони хориҷӣ ва инчунин, шахсони бетабааи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар асоси Қоидаҳои қабули донишҷӯён ба муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон қабул карда мешаванд.
5. Таҳсил дар шӯъбаи ғоибона ба тариқи ройгон ва ғайриройгон ба роҳ монда мешавад.
6. Рӯйхати ихтисосҳои тариқи ройгон бароҳмондаро Вазорати маориф дар якҷоягӣ бо Вазорати рушди иқтисод ва савдо муайян мекунад.
7. Барқароркунӣ ва хориҷ намудани донишҷӯёни шӯъбаи ғоибона дар асоси «Низомнома дар бораи гузаронидан, барқароркунӣ ва хориҷ намудани донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон» сурат мегирад. Мӯҳлати бартараф намудани қарзҳои академӣ барои донишҷӯён то саршавии сессияи имтиҳонии оянда муайян карда мешавад (Мӯҳлати бартараф намудани қарзҳои академиеро, ки бо сабабҳои узрнок (беморӣ, гузариш, барқароркунӣ, оилавӣ) ба миён омадаанд, ҷонишини директор оид ба таълим дар мувофиқа бо директор муайян мекунад.
8. Дар дафтарчаи имтиҳонӣ ҳангоми қабули санҷиш ва имтиҳонҳои солона миқдори соатҳои фаннӣ нишон дода мешавад.

9. Дар замимаи диплом ва маълумотномаи академии донишҷӯ миқдори умумии соатҳо ва миқдори соатҳои аудиторӣ аз фанҳои омӯхташуда дар асоси барномаи таълимии таҳсили рӯзона нишон дода мешаванд.

## II. Талабот ба нақшаи таълимии донишҷӯёни таҳсили ғоибона

10. Нақшаи таълимии ихтисосҳои таҳсили ғоибонаро муассисаи таҳсилоти миёнаи касбӣ дар асоси нақшаҳои намунавии таълимӣ таҳия намуда, барои тасдиқ ба Вазорати маориф пешниҳод менамояд.

11. Номгӯи сиклҳо ва фанҳо бояд ба нақшаи таълимии таҳсили рӯзонаи ихтисоси дахлдор мувофиқат кунад.

12. Машғулиятҳои аудиторӣ (дарсҳои лексионӣ, амалӣ, семинарӣ, корҳои озмоишӣ ва ғайра) бояд дар 1 соли таҳсил на камтар аз 160 соатро ташкил диҳад.

13. Ҳаҷми соатҳои дарсҳои амалӣ, семинарӣ ва озмоишӣ бояд на камтар аз 60% ҳаҷми умумии соатҳои машғулиятҳои аудиториро ташкил диҳанд.

14. Теъдоди лоиҳаи курсӣ бояд на зиёда аз 1-то ва кори курсӣ на зиёда аз 2-то дар як нимсола бошад ва он бояд ба нақшаи таълимии таҳсили рӯзона мувофиқат кунад.

15. Теъдоди корҳои назоратӣ дар тамоми давраи таҳсил бояд на зиёда аз нишондиҳандаи ҳисобӣ ($n_{к.н}$) бошад, ки ба таври зайл муайян карда мешавад: $n_{к.н} = 0,01xN$ (N.- ҳаҷми соатҳои умумии машғулиятҳои аудиторӣ барои таҳсили рӯзона).

16. Теъдоди имтиҳонҳо дар як соли таҳсил набояд аз 10 ва санҷишҳо аз 12-то зиёд бошад.

17. Дар нақшаи раванди таълим барои курсҳои 1, сессияи шиносоӣ ба муддати як ҳафта дар моҳи сентябр ва ду сессияи имтиҳонӣ на кам то ду ҳафта дар нимсола, дар бахшҳои оянда ду сессияи имтиҳонӣ пешбинӣ карда мешавад. Таърих ва вақти гузаронидани сессияи имтиҳонӣ аз тарафи шӯъбаи таълимии муассисаи таҳсилоти миёнаи касбӣ дар мувофиқа бо ҷонишини директор оид ба таълим муайян карда мешавад.

18.Донишҷӯёне, ки дар шӯъбаи ғоибона меҳнатанд ва ҳамзамон дар истеҳсолот кор мекунанд, барои гирифтани рухсатии иловагӣ ҳуқуқ доранд. Давомнокии умумии рухсатии иловагӣ барои иштирок дар сессияи имтиҳонотӣ, тайёрӣ ба имтиҳонҳои давлатӣ ва корҳои хатмкунии квалификатсионӣ дар асоси муқаррароти моддаҳои 186 ва 188-и «Кодекси меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон» (Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон № 417 аз 15.05.1997 «Дар бораи қабули Кодекси меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон») муқаррар карда мешавад.

19.Ба шахсоне, ки дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбии дорои аккредитатсияи давлатӣ бомуваффақият таҳсил менамоянд, новобаста аз шакли таълими ғоибона ва шабона аз ҷои кор ба мақсадҳои зерин рухсатии иловагӣ дода шуда, музди миёнаи меҳнат, ки бо тартиби муқарраргардидаи рухсатии ҳарсола ҳисоб карда мешавад (бо имкони якҷоя кардани рухсатии иловагии таълимӣ ва рухсатии ҳарсола), пардохт мегардад:

-барои супоридани санҷишу имтиҳонҳо дар курсҳои якум мутобиқ ба 30 рӯзи тақвимӣ, дар курсҳои минбаъда мутобиқ ба 40 рӯзи тақвимӣ;

-барои навиштан ва дифои лоиҳаи (кори) дипломӣ якҷоя бо супоридани аттестатсияи ниҳоии давлатӣ - чор моҳ;

-барои аттестатсияи ниҳоии давлатӣ - як моҳ.

Рухсатии иловагии бе музди меҳнат аз ҷои кор дода мешавад:

ба шахсоне, ки ба имтиҳоноти қабули муассисаи таҳсилоти миёнаи касбӣ роҳ дода шудаанд - понздаҳ рӯзи тақвимӣ;

ба шунавандагони шӯъбаи тайёрии муассисаи таҳсилоти миёнаи касбӣ барои супоридани аттестатсияи ниҳоии давлатӣ - понздаҳ рӯзи тақвимӣ.

20.Намунаи маълумотнома-даъватномаро, ки ба донишҷӯ аз ҷои кор ҳуқуқи гирифтани рухсатии иловагӣ ва дигар имтиёзҳоро вобаста ба таҳсил дар муассисаи таҳсилоти миёнаи касбии дорои аккредитатсияи давлатӣ медиҳад, мақоми давлатии идораи маориф тасдиқ мекунад.

21.Барои кормандони корхонаҳо, ташкилоту муассисаҳо, новобаста аз шакли ташкилию ҳуқуқӣ ва шакли моликият, ки дар баробари кор дар муассисаи таҳсилоти олии касбӣ таҳсил мекунанд, дар шартномаи коллективӣ ё шартномаи меҳнатӣ (қарордод) дароз кардани мӯҳлати рухсатиҳои иловагӣ, додани рухсатӣ бо пардохти маош ба ҷойи рухсатии бепардохти маош ва имтиёзҳои дигар пешбинӣ шуда метавонад.

## III. Ташкили корҳои мустақилонаи донишҷӯёни таҳсили ғоибона

22.Кафедраҳо (бахшҳо) дар фосилаи сессияҳои имтиҳонӣ барои донишҷӯёни шӯъбаи ғоибона рӯзҳои машварати омӯзгоронро ташкил менамоянд. Реҷаи рӯзи машварати омӯзгорон аз тарафи мудири кафедра (мудири бахш) тасдиқ карда мешавад. Миқдори чунин машваратҳо бо вақти маҳдуде, ки барои корҳои мустақилонаи донишҷӯён бо назардошти меъёри тасдиқшуда ҷудо шудаанд, муайян карда мешавад.

23.Таҷрибаи истеҳсолии донишҷӯён баъди иҷрои барномаҳои таълимӣ дар ҷойи корашон мустақилона ташкил карда мешавад. Кафедраҳои (бахшҳои) тахассусӣ супоришҳоро ба донишҷӯён оид ба таҷрибаомӯзӣ месупоранд, баъд аз гузаронидани таҷрибаомӯзӣ ҳисоботро қабул ва дар асоси меъёрҳои амалкунандаи муассисаи таҳсилоти миёнаи касбӣ баҳогузорӣ мекунанд. Таҷрибаомӯзии пешаздипломиро кафедраҳои (бахшҳо) тахассусӣ амалӣ мегардонанд.

24.Ба донишҷӯи таҳсилоти ғоибона дар муассиса бояд маводи зерин пешниҳод карда шавад:

-стандарти давлатии таҳсилот ва нақшаҳои таълимии ихтисос (бо дархости донишҷӯ);

-маълумот оид ба рамз ва номи ихтисос, номи кафедраи (бахши) тахассусӣ, насаб, ном ва номи падари мудир ва омӯзгорони кафедра, нишонии кафедра (бино, утоқҳо, телефон, сайти интернетӣ, нишонии почтаи электронӣ ва ғайра);

-барномаи таълимии кори донишҷӯ дар нимсола ва ё соли таҳсил бо қайд намудан дар дафтари махсуси деканат (шӯъбаи ғоибона);

-варақаи даъватӣ оид ба рухсатии иловагӣ дар давоми сессияи имтиҳонӣ, имтиҳонҳои давлатӣ ва лоиҳакашии дипломӣ (Намунаи маълумотнома–даъватнома аз тарафи Вазорати маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳия ва тасдиқ карда мешавад). Дар қисмати аввали маълумотнома–даъватнома мӯҳлати рухсатии иловагӣ ва мақсади даъват, мазмун ва мундариҷаи сессияи дар пешистода нишон дода мешавад. Дар қисмати дуюм, вақти асосии ба таҳсил машғул будани донишҷӯй дар сессия нишон дода мешавад. Варақаи даъватӣ аз тарафи роҳбари муассисаи таълимӣ имзо карда мешавад. Варақаи даъватӣ дар дафтари махсуси деканат (шӯъба) қайд гардида, аз болои он назорат бурда мешавад.

25.Ба донишҷӯёне, ки дар вилоят ва шаҳрҳои дигар истиқомат мекунанд, варақаи даъватӣ аз тарафи шӯъбаи ғоибона муассисаи таҳсилоти миёнаи касбӣ ба тариқи мактуб фиристода мешавад.

26.Рухсатии иловагӣ танҳо ба он донишҷӯёне дода мешавад, ки барномаи таълимиро пурра аз худ карда, аз сессияи қаблӣ қарзи академӣ надошта бошанд ва ҳамаи корҳои хаттии санҷишӣ ва лоиҳаву корҳои курсии дар сессия аз рӯи нақшаи таълимӣ пешбинишударо бомувафақият супорида бошанд.

27.Рухсатии иловагиро вобаста ба мӯҳлат ва вақти таҳсил, бемории донишҷӯ, дар мӯҳлатҳои муайяншуда насупоридани санҷиш ва имтиҳонҳо метавон бо қисм-қисм ва ё ба давраи дигар гузаронид.

28.Намудҳои асосии аттестатсияи фосилавии донишҷӯён: корҳои санҷишии хаттӣ, имтиҳон, санҷиш, лоиҳаҳои (корҳои) курсӣ, ҳисобот оид ба гузаронидани таҷрибаомӯзии таълимӣ, истеҳсолӣ, пешаздипломӣ ва дигар намуди таҷрибаомӯзиҳо, имтиҳони давлатӣ, ҳимояи корҳои тахассусии хатмкунӣ ва ғайра маҳсуб мешаванд. Корҳои хаттии санҷишии донишҷӯён дар асоси нақша на дертар аз як моҳ то саршавии сессияи имтиҳонӣ ба шӯъбаи ғоибона супорида мешавад. Дар давраи сессияи таълимӣ-имтиҳонӣ корҳои санҷишии донишҷӯён барои санҷиш қабул карда намешаванд. Дар сурати гирифтани баҳои ғайриқаноатбахш донишҷӯ вазифадор аст, ки камбудиҳои ҷойдоштаро мувофиқи тақризи устоди санҷишгар дар ҳамон дафтар ислоҳ карда супорад. Агар ин кор дар ҳамон дафтар имконнопазир бошад, пас онро аз сари нав навишта барои тақриз такроран пешниҳод кардан зарур аст.

29.Санҷиши корҳои хаттии санҷишӣ, навиштани тақриз ва баҳогузорӣ аз тарафи омӯзгор дар мӯҳлати 10 рӯз гузаронда мешавад. Устоди санҷишгар новобаста аз натиҷаи кори хаттии санҷишӣ ба он тақриз менависад. Имтиҳон ва санҷишҳоро донишҷӯ мутобиқи ҷадвали имтиҳонии тасдиқшуда месупорад. Бесабаб ҳозир нашудан ба имтиҳон ва санҷишҳо, ҳамчун баҳои ғайриқаноатбахш ҳисобида мешавад. Такроран супоридани имтиҳон ва санҷишҳо тибқи тартиботи муқарраргардида ба роҳ монда мешавад.

30.Супоришҳоро барои корҳои мустақилона ба донишҷӯ бо истифодабарии технологияи фосилавии таълимӣ (Кейс-технологӣ: Интернет -технологӣ) фиристонидан мумкин аст.

31.Мӯҳлати таҳсили донишҷуёне, ки таҳсилоти миёнаи тахассусӣ доранд, дар асоси санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба роҳ монда мешавад.

## IV.Таъминоти методии донишҷӯёни таҳсили ғоибона.

32.Донишҷӯёни таҳсили ғоибона бояд бо маводи зерин таъмин карда шаванд:

а) курси лексионӣ (агар китоби дарсӣ ба пуррагӣ ба барномаи корӣ мувофиқат накунад ё ин, ки таъминот бо китоби дарсӣ барои як донишҷӯ камтар аз 0,5 нусха бошад):

б) дастури методӣ (дар асоси барномаи таълимӣ чунин маводро дар бар мегирад):

қисми назариявии барномаи корӣ бо мавзӯъҳо ва нишондоди методӣ барои аз худкунӣ, саволҳо барои худсанҷӣ ва номгӯи адабиёти дарсӣ;

мавзӯъҳои машғулиятҳои амалӣ (семинарӣ) бо нишондодҳои методӣ барои тайёрӣ дидани донишҷӯён ба ин дарсҳо, номгӯӣ саволҳо ва адабиёти дарсӣ;

корҳои хаттии санҷишӣ (ҷадвал бо вариантҳо, нишондоди методӣ барои иҷроиши онҳо, мурратаб сохтани корҳои хаттии санҷишӣ);

номгӯи корҳои озмоишӣ ва нишондоди методӣ барои тайёрӣ дидан ба онҳо (Нишондоди методӣ барои тайёр кардани корҳои озмоишӣ дар вақти дарс ба донишҷӯён пешниҳод карда мешавад ва ё тавсия мегардад, ки барои пайдо кардани онҳо ба китобхонаҳо муроҷиат намоянд;

мавзӯҳои лоиҳаи курсӣ, кори курсӣ бо нишондоди методии иҷроиши онҳо;

в) маҷмӯи вазифаҳо (ҳангоми дар китобхонаҳо мавҷуд набудани маҷмӯаҳои ба талаботи барномаҳои кории фанҳо мувофиқнабуда;

г) нишондоди методӣ оид ба иҷроиши лоиҳаи курсӣ (кори курсӣ), ки аз чунин қисмҳо иборатанд:

-таркиб ва ҳаҷми лоиҳаи курсӣ ва ё кори курсӣ;

-номгӯи маълумоти ибтидоӣ;

-мазмун ва таркиби навиштаҷоти шарҳдиҳанда бо нишондоди методӣ барои тайёр кардани бобҳо;

-талабот ба иҷроиши қисми графикӣ (дар ҳолати мавҷуд будан);

-адабиёти тавсияшуда.

Таҷҳизонидани маҷмӯаҳои методӣ бо маводи овоздиҳанда ва нишондиҳанда (аудио, видео) ва инчунин компакт-дискҳо тавсия карда мешавад.

штампи
муассисаи таҳсилоти
миёнаи касбӣ
№ таърихи супоридан

**Маълумотномаи-даъватӣ**

______________________________________________
(номгӯи корхона, муассиса, ташкилот )

Дар асоси муқаррароти моддаҳои 186 ва 188-и «Кодекси меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон» (Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон № 417 аз 15.05.1997 «Дар бораи қабули Кодекси меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон») муқаррар карда шудааст. Аз Шумо хоҳиш менамоем ба рухсатии иловагии пулакӣ барои иштирок дар нимсолаи таҳсил донишҷӯи таҳсили ғоибона

______________________________дар санаи_______________то __________
( ному насаби донишҷӯ)

сафарбар менамудед.

Директор_____________________________________имзо, мӯҳр